# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА-011-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон вобаста ба қабули диссертатсияи Файззода Кишвар Шоҳпулод «Ҳалшавандагии масъалаҳои канории Дирихле ва Нейман барои системаи муодилаҳои умумии эллиптикии тартиби шаш дар ҳамворӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)–доктор аз рӯи ихтисоси 6D060100–МАТЕМАТИКА: 6D060102–Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ

Диссертатсияи мазкур характери назариявӣ дорад ва он ба таҳқиқи хосиятҳои нётеровӣ будани масъалаҳои Дирихле ва Неймани системаи муодилаҳои дифференсиалии умумии эллиптикии аз ду тағийрёбандаи тартиби шаш бо коэффисиентҳои бефосила ва дар як нуқта канишнок дар ҳамворӣ, тариқи гузаштан ба муодилаҳои интегралии сингулярӣ аз рӯи соҳаи маҳдуд бахшида шудааст. Натиҷаҳои дар ин диссертатсияи илмӣ бадастовардашударо барои таҳқиқи масъалаҳои сарҳадӣ барои муодилаҳои дифференсиалии эллиптикӣ васеъ татбиқ намудан мумкин аст.

Комисия қайд менамояд, ки:

– мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия ба паспорти ихтисоси 01.01.02 – муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ мувофиқат мекунад;

– автореферати диссертатсияи илмии мазкур мӯҳтавои кӯтоҳи диссертатсияи илмии пешниҳодшавандаро пурра инъикос карда метавонад;

– кори диссертатсионӣ дар чорчубаи нақшаи корҳои илмӣ – тадқиқотии кафедраи таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсиалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба иҷро расонида шудааст;

– натиҷаҳои таҳқиқот дар диссертатсия овардашуда дар шакли 9 кори илмӣ, ки аз онҳо 5-тояш дар журналҳои ба рӯйхати аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида, дохил мешаванд, чоп карда шудааст;

– дар диссертатсия ба сарчашмаҳои илмӣ, ки аз онҳо дар рафти таҳқиқот истифода бурда шудааст, иқтибосҳои дуруст оварда шудааст;

– натиҷаҳои илмии олимони пешин, ки ба мавзӯи диссертатсия наздикӣ доранд ба таври муфассал таҳлил карда шудааст.

Диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя аз рӯи ихтисоси 6D060100–МАТЕМАТИКА: 6D060102–Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ ба самти Шурои диссертатсионии 6D.КОА-011 пешниҳод намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-011 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд ва дар он 6 нафар доктороні илм: М. Илолов, Н. Раҷабов, Г. Ҷангибеков, О. Каримов, С. Байзоев ва Ф. Шамсиддинов мутахассисон аз рӯйи самти диссертатсияи пешниҳодшаванда мебошанд.

Комиссияи экспертӣ пешниҳод менамояд:

ба диссертатсияи мазкур ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон пешниҳод карда шавад;

ба сифати **муқарризони расмӣ** шахсони зерин пешниҳод карда шаванд:

– **Сафаров Ҷумъабой Сафарович** – доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи таҳлили математикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

– **Саидов Бахтиёр Бобокалонович** – номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Дар асоси гуфтаҳои боло комиссияи экспертӣ чунин меҳисобад, ки диссертатсияи илмии Файззода Кишвар Шоҳпулод «Ҳалшавандагии масъалаҳои канории Дирихле ва Нейман барои системаи муодилаҳои умумии эллиптикии тартиби шаш дар ҳамворӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D060100–МАТЕМАТИКА: 6D060102–Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ ба самти Шурои диссертатсионии 6D.KOA-011 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пурра мувофиқ буда, он барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои физикаю математика,
профессор — О.Х. Каримов

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои физикаю математика,
профессор — Ф.М. Шамсиддинов
номзади илмҳои физикаю математика, дотсент — Б.М. Ҷумъаев .

15.01.2025